# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# УКАЗ
## ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020

Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» фармон медиҳам:

1. Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар давраи аз 1 то 15 октябри соли 2020 гузаронида шавад.
2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд ташкил намудан ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ба мақомоти давлатии омор дар гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ҳамаҷониба мусоидат намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
30 сентябри соли 2019
№ 1356